# هل سألت نفسك؟ من خلقك؟ ولماذا؟ وماذا بعد الموت؟ )للجمعية(

# Оё аз худ пурсидаӣ? Туро кӣ ва барои чӣ офаридааст? Ва баъд аз марг чист?

# Оё аз худ пурсидаӣ? Туро кӣ ва барои чӣ офаридааст? Ва баъд аз марг чист?

Кумитаи илмӣ вобастаи Ҷамъияти хидмат ба муҳтавои исломӣ ба забонҳо

## Оё аз худ пурсидаӣ? Туро кӣ ва барои чӣ офаридааст? Ва баъд аз марг чист?

Кумитаи илмӣ вобастаи Ҷамъияти хидмат ба муҳтавои исломӣ ба забонҳо

Эй инсон, туро кӣ офаридааст? Агар ба ҷисми худ зери заррабин назар андозӣ, олами дақиқ ва мӯъҷизаро хоҳӣ дид. Ҳар як ҳуҷайраи ҷисми ту дар худ маълумоти ирсиеро ҷой додааст, ки рамзҳояш мураккаб мебошанд. Оё аз худ пурсидаӣ, ки ин рамзҳоро кӣ навиштааст? Ва кӣ онҳоро дар ҷои дурусташон ҷойгир намудааст?

Ҳар бинои бузург ва ҳар хонаи содае аз созандаи худ ҳикоят мекунад, пас оё ақл мепазирад, ки ин коиноти паҳновар бо ин ҳама зебоӣ, дақиқӣ ва низоми муназзамаш бидуни Офаридгор ба вуҷуд омада бошад?

Эй инсон, ҳамон гуна ки ақли ту намепазирад, ки ба ту гуфта шавад: як телефони ҳушманди бо маҳорат сохташуда ногаҳон бидуни тарроҳ ва созанда ба вуҷуд омадааст, ё ин ки як шабакаи мураккаби дастгоҳҳо бо ҳамоҳангӣ ва дақиқии том бидуни барномасоз ё нозир кор мекунад, пас ҳамчунин ақл намепазирад, ки ба ӯ гуфта шавад: ин коиноти азим бо тамоми низом,

эҷодкорӣ, қонунҳои дақиқ ва сохтори комилаш, бидуни Офаридгор ба вуҷуд омадааст?

Ҳар як ҷузъи ин коинот, аз хурдтарин зарра то бузургтарин каҳкашон, ба бузургии Офаридгори он гувоҳӣ медиҳад, ақлан муҳол аст, ки ин низоми дақиқ аз беназмӣ ба вуҷуд омада бошад, ақл намепазирад, ки ин ҷаҳон аз ҳеҷ пайдо шуда бошад, ва ё ин низоми беназиру мураккаб натиҷаи як тасодуфи кӯр-кӯрона бошад

Чунон ки ақли солим ва сиришти пок инсонро ба имон овардан ба вуҷуди Офаридгори коинот ҳидоят мекунанд, ҳамчунин моро ба тафаккур дар бораи сифоти ин Офаридгор ва ҳаққи Ӯ бар мо водор месозанд.

Тафаккур дар сифатҳои ин Офаридгор моро ба дарки амиқи зарурати доро будани Ӯ ба камоли мутлақ ва муназзаҳ буданаш аз ҳар костӣ мерасонад.

Ин ба он маъност, ки Офаридгор дорои тамоми сифатҳои ҷамол ва азамат аст, Ӯ Таъоло бар ҳама чиз тавоно, ба ҳама чиз доно ва дар ҳар чизе, ки офарида ва тақдир кардааст, боҳикмат аст. Ин камол танҳо як эҳтимол нест, балки як зарурати ақлӣ аст, зеро ҳар гуна нуқсон дар сифатҳои Ӯ боиси халал дар офариниш ва тадбир мегардад, ки ин бо он комилият ва

назме, ки дар коинот мушоҳида мекунем, мухолиф аст.

Ҳамчунин, муназзаҳ донистан аз нуқс тақозо мекунад, ки Офаридгор аз махлуқоташ бениёз бошад. Ӯ ба ҳеҷ кас мӯҳтоҷ нест, балки ҳама дар вуҷуд ва бақои худ ба Ӯ мӯҳтоҷанд. Ӯ Таъоло аз шарику фарзанд муназзаҳ аст, зеро ин ду аз нишонаҳои нуқс ва оҷизӣ ҳастанд ва Аллоҳ Таъоло аз ҳамаи инҳо пок ва муназзаҳ аст.

Агар Аллоҳ Офаридагори Бузург, соҳиби сифатҳои камол ва бузургӣ аст ва Ӯст, ки моро ва коинотро аз ҳеҷ (нестӣ) офаридааст, Ӯ соҳиби тамоми мавҷудоти он аст, Ӯст, ки ба мо ризқ медиҳад ва бо раҳмати Худ моро фаро гирифтааст, Ӯ Мудаббир ва тасарруфкунандаи ҳама чиз аст. Оё бар мо воҷиб нест, ки Ӯро шукр гӯем ва дар ҷустуҷӯи он бошем, ки чигуна ризоияти Ӯро ба даст оварем, чӣ гуна ҳаққи воҷиби Ӯро бар мо адо намоем ва барои расидан ба он ҳадафе, ки ба хотири он офарида шудаем, амал намоем?

Оё мумкин аст Худованд моро биёфарад ва барои мо баён накунад, ки аз мо чи мехоҳад? Мо барои чи дар ин дунё ҳастем? Ҳадаф аз вуҷуди мо дар ин зиндагӣ чист? Пас аз марг чи хоҳад шуд?

Бо ман тасаввур кунед, агар шахсе қасри бошукӯҳе бисозад ва онро бо навтарин фанновариҳо муҷаҳҳаз гардонад, аммо ҳамин

ки сохтмони онро ба поён расонад, ногаҳон онро бе ҳеҷ сабабе комилан вайрон кунад. Оё мумкин аст чунин шахсро соҳибхирад номид? Оё равшан нест, ки чунин амал як кори беҳуда ва дур аз хиради як инсони оқил ба шумор меравад?

Агар ин амал дар ҳаққи инсон нописанд бошад, чигуна метавон тасаввур кард, ки Парвардигори ҳакиму бохабар, ин ҷаҳони шигифтангезро бо чунин эҷодкорӣ ва маҳорат офарида, сипас онро бидуни ҳеҷ ҳадаф ва ҳикмате нобуд созад?

Худованд башарро барои ҳикмати бузурге офаридааст, ки он ибодати Ӯ Таъолои Ягона ва бешарик аст. Онҳоро офаридааст, то дар ин дунё имтиҳон кунад ва барои онҳо ваъдагоҳе қарор додааст, ки дар рӯзи қиёмат барангехта мешаванд, то бар аъмолашон муҳосаба шаванд, пас ҳар кӣ ба Худованд имон овард ва даъвати Ӯро иҷобат намуд, подошаш неъматҳои биҳишт аст ва дар он ҷовидон хоҳад монд, ва ҳар кӣ аз ҳақ рӯй гардонд, аз аҳли оташ хоҳад буд.

Ибодат ҳаққи воҷиб бар мост, зеро он ҳадаф аз вуҷуди мо ва далели шукр ва иқрори мо ба рубубият ва улуҳияти Аллоҳ мебошад.

Пас, андеша кун, ки Худованди Поку Муназзаҳ ҳамон зоте аст, ки туро офарид ва бо шунавоиву бинойӣ гиромӣ дошт ва бо неъматҳои бешумор иҳотаат кард. Ӯст, ки хунро

дар рагҳои ту ҷорӣ месозад ва туро бо обу ҳаво ризқ медиҳад. Ту дар ҳар лаҳза ба Ӯ ниёзмандӣ. Агар раҳмату инояти Ӯ намебуд, ҳатман ҳалок мешудӣ ва қувватат аз байн мерафт. Балки Ӯ Таъоло рӯзии туро замоне, ки ҷанине оҷиз дар батни модарат будӣ ва ихтиёри ҳеҷ чизро надоштӣ, ба уҳда гирифт.

Оё ин Офаридагори бузург сазовор нест, ки Ӯро он гуна, ки Худ мехоҳад, ибодат намоӣ, на он гуна, ки ту мехоҳӣ?! Андеша намо, агар мехостӣ ба модарат ҳадяе тақдим кунӣ, оё чизеро интихоб мекардӣ, ки мувофиқи хости худат бошад, ё саъю талош мекардӣ, то бифаҳмӣ, ки ӯ чиро дӯст медорад, то бо он чизе, ки муносибаш аст, ӯро хушнуд созӣ? Ибодати Аллоҳ Таъоло низ ҳамин гуна аст, набояд мувофиқи ҳавову ҳавас ва ё одатҳои меросии мо бошад, балки бояд он гуна бошад, ки Ӯ Таъоло ирода кардааст ва ба он сурате, ки ба мо амр фармудааст.

Ибодат бояд холисона барои Аллоҳ Таъоло бошад, ки ягона аст ва шарике надорад. Барои инсон ҷоиз нест, ки ибодатро барои ғайри Офаридгори худ анҷом диҳад. Бузургтарин гуноҳе, ки боиси абадӣ мондан дар оташи дӯзах мешавад, ширк овардан ба Аллоҳ аст. Он ба ин сурат аст, ки инсон ғайр аз Аллоҳ, дигар махлуқоти Ӯро парастиш кунад, монанди парастиши бутҳо ё хуршеду моҳ, ё парастиши инсон, ҳайвон ва ё марди солеҳ. Ҳамаи ин аз

анвоъи ширку куфр аст. Ҳар касе бар он бимирад, ҷазояш абадӣ дар оташи ҷаҳаннам мондан аст.

Аллоҳ Таъоло паёмбарони зиёдеро фиристод, то моро аз ҳадафи зиндагӣ ва офаринишамон дар ин дунё огоҳ созанд. Рисолати ҳамаи паёмбарон як чиз буд, рисолати Ислом ва даъват ба ибодати Офаридгори ягонаи бешарик. Аммо бархе аз мардум он чиро, ки паёмбарони пешин оварда буданд, таҳриф ва дигаргун сохтанд. Худованд хотами паёмбарон Муҳаммад (Салаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро фиристод ва охирин паёмро барои башарият, яъне Қуръони Каримро, бар ӯ нозил фармуд. Далелҳои зиёди ақлӣ ва илмӣ вуҷуд доранд ва собит мекунанд, ки Қуръон каломи Аллоҳ аст ва он ягона китобест, ки дучори таҳриф ва тағйир нашудааст. Худованд дар Қуръон ба мо хабар додааст, ки аз инсон дине ҷуз Исломро қабул нахоҳад кард ва ин ки рисолати тамоми паёмбарон як чиз буд, даъват ба тавҳиди Офаридгор ва ибодати Ӯ ба танҳоӣ ва бешарик. Ҳамчунин Худованд дар Қуръон ба мо хабар додааст, ки барои муъминон биҳишт ва неъматҳои ҷовидонӣ хоҳад буд ва барои касоне, ки ғайри Аллоҳро ибодат кардаанд ё аз пазируфтани Ислом рӯй гардондаанд, оташ ва азоби дардноке хоҳад буд.

Тафовути Ислом аз динҳои дигар дар он аст, ки танҳо мусалмонон қодиранд бо такя ба сарчашмаҳои мӯътамади дониш, далелҳои ақлӣ ва ҳақоиқи илмиро пешниҳод намоянд, то собит созанд, ки Қуръони Карим, ки имрӯз дар дасти онҳост, каломи Худованди Офаридгор (ҷалла ҷалолуҳу) буда, аз ҳар гуна тағйиру таҳриф ҳифз шудааст.

Қуръони Карим китобест, ки Аллоҳ онро бар Паёмбараш Муҳаммад (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) нозил кардааст. Зиёда аз чордаҳ қарн аст, ки башариятро ба чолиш кашидааст, то монанди он ё ҳатто як сурае мисли онро биёваранд, аммо аз ин кор оҷиз монданд. Ин чолиш то имрӯз побарҷост ва касе натавонистааст чизеро биёварад, ки дар балоғат, баён, эъҷоз ва ташреъ монанди он бошад. Бо вуҷуди ин, дар тӯли асрҳо касе натавонистааст чизе монанди он ва ё ҳатто наздик ба онро биёварад. Эъҷози Қуръон на танҳо дар забони он аст, ки ба қуллаи фасоҳат ва баён расидааст, балки далелҳои ақлӣ ва илмиеро низ дар бар мегирад, ки собит мекунанд он каломи Аллоҳ аст. Азбаски Қуръони карим дорои далелҳои равшанест, ки каломи Аллоҳ будани онро собит мекунад, рафтори ақлониву мантиқӣ имон овардан ба он ва пайравӣ кардан аз дастуроти он мебошад, на ин ки ба китобҳои дигаре эътимод карда шавад,

ки дар таълифи онҳо дасти башар дахолат намудааст.

Ақли солим моро ба он ҳидоят мекунад, ки каломи Офаридгор, ки коинотро офарида ва низоми онро мукаммал сохтааст, содиқтарин сарчашмаи маърифати ҳақиқат аст. Ҳангоме, ки мо дар Қуръон ин эъҷози луғавӣ, ҳақоиқи илмӣ ва аҳкоми комилро дар баробари маҳфуз монданаш аз таҳриф дар тӯли асрҳо меёбем, чорае ҷуз таслим шудан ба он ки ин каломи Аллоҳ аст, боқӣ намемонад.

Аз ин рӯ, имон ба он чӣ дар Қуръон омадааст, на фақат як интихоби имонӣ, балки як қарори ақлониест, ки бо мантиқи ҷустуҷӯи ҳақиқатҳо мувофиқ аст.

Худованди Мутаъол дар Қуръони Карим баён фармудааст, ки моро беҳуда наофаридааст, балки барои ибодати Худ офаридааст.

Худованд дар Қуръон ба мо хабар додааст, ки ин зиндагии дунё танҳо як марҳилаи муваққатӣ аст, ки ба зудӣ ба поён мерасад, аммо зиндагии ҳақиқӣ ва абадӣ дар охират хоҳад буд, он гоҳ ки мӯъминон ба биҳишт ва кофирон ба дӯзах дохил мешаванд.

Офаридгоре, ки моро аз нестӣ ба вуҷуд овард, бешубҳа, қодир аст, ки моро пас аз марг дубора ба зиндагӣ баргардонад. Он чи дар атрофи мо аз нишонаҳои Аллоҳ дар коинот вуҷуд дорад, далели равшанест бар қудрати бепоёни Аллоҳ

дар зинда гардонидани он чи мурда буд. Чунон ки Худованд аз дарахти сабз оташ берун меорад ва аз замини хушк кишту мева мерӯёнад ва аз нутфа дар батни модараш ҷанин меофарад, пас Ӯ (пок аст) қодир аст, ки мурдагонро зинда кунад ва онҳоро аз қабрҳояшон барои ҷазо дар рӯзи қиёмат барангезад. Зеро Худованд бар ҳар чиз тавоност ва ин зулму ситам аст, ки ҳаёти золиму мазлум бидуни ҳисобу ҷазо ба поён расад.

Инсон шояд аз худ бипурсад, ки чаро Ислом, на динҳои дигар?

Бузургтарин чизе, ки инсонро аз тамоми махлуқот ҷудо мекунонад, ақл аст ва вазифаи он тафаккур ва ҷустуҷӯи ҳақиқатҳост.

Дини Ислом динест, ки бо ақли солим ва фитрати пок созгор аст, зеро он ба саволҳои бузурги вуҷудӣ посуххҳои мантиқӣ медиҳад: Чаро мо ин ҷоем? Ҳадаф аз зиндагии мо чист? Сарнавишти мо пас аз марг чӣ хоҳад буд?

Ислом бар ибодати Офаридгори ягона ва гувоҳии "Ло илоҳа иллаллоҳ" асос ёфтааст. Ин гувоҳии аввал ва асоси имон дар Ислом аст ва маънояш ин аст, ки ҳеҷ маъбуди ба ҳақ нест ҷуз Аллоҳи ягона.

Ин гувоҳӣ дар бар мегирад:

Тавҳид: яъне имон доштан ба Маъбуде, ки танҳо Ӯ сазовори парастиш аст ва Ӯро шарике, фарзанде ва ҳамтое нест.

Бароат (безорӣ) аз ширк: яъне инкор кардани тамоми бутҳо ва маъбудони сохтаи башар.

Ислом имон овардан ба ҳамаи паёмбаронро воҷиб мегардонад. Мусалмонон, чуноне ки Худованд дар Қуръон хабар додааст, имон меоваранд, ки Исо бандаи Худо ва фиристодаи Ӯст ва ӯ писари Худо нест, зеро Худованд бузург аст ва пок аст аз он ки ҳамсар ё фарзанде дошта бошад, Ӯ аз онҳо ва аз ҳар чиз бениёз аст. Худованд дар Қуръон ба мо хабар додааст, ки Исо паёмбаре буд, ки Худованд ба ӯ мӯъҷизаҳои зиёде ато кардааст ва Худованд ӯро барои даъвати қавмаш ба ибодати Худои ягона, ки шарике надорад, фиристодааст. Худованд ба мо хабар додааст, ки Исо аз мардум нахостааст, ки ӯро ибодат кунанд, балки худи ӯ Офаридгори худро ибодат мекард. Аз ин рӯ, агар мехоҳӣ ба Исо ба он ҳақиқате, ки Худованд дӯст медорад, имон оварӣ, бояд ба дини Ислом дохил шавӣ.

Худованд дар Қуръон ба мо хабар додааст, ки Исо қавми худро ба ибодати Аллоҳи ягона амр намуда, онҳоро аз ширк барҳазар дошт.

Оё мантиқӣ аст, ки инсони оқил махлуқеро, ки мисли худаш аст, ибодат кунад, ки гурусна ва ташна мешавад ва наметавонад марг ё зарарро аз худ дур созад?! Эй инсон, чӣ гуна Исо ибни Марямро ибодат мекунӣ, дар ҳоле ки ӯ башаре буд, ки ба хӯроки ва нӯшокӣ ниёз дошт ва ба сӯи

Офаридгори худ бо намоз рӯй меовард?! Оё ақл метавонад тасаввур кунад, ки Худо барои худаш намоз мехонад?! Оё Худованд соҳиби азамат, дар камоли худ беҳамто ва муназзаҳ аз ҳар гуна шабеҳу мисл нест ва ҳар он чи дар коинот аст, таҳти қудрат ва салтанати Ӯ қарор надорад? Чӣ гуна метавон тасаввур кард, ки Офаридгори осмонҳову замин фуруд ояд, то ҳамчун кӯдак таваллуд шавад ва сипас худро ба махлуқонаш таслим кунад, то ӯро ба салиб овезанд? Ҳамоно касоне, ки ба салиб кашида ва кушта мешаванд, башари фонӣ ҳастанд, аммо Офаридгор Зиндаест, ки ҳаргиз намемирад, Қайюмест, ки ӯро на пинак мегирад ва на хоб. Оё аз камоли азамату ҷалоли Ӯ нест, ки аз чунин чизҳо муназзаҳ бошад?

Худованд дар Қуръони Карим ба мо хабар додааст, ки ҳамаи паёмбарон бо як паём омадаанд, ки хулосаи он даъвати қавмҳояшон ба ибодати Худои ягонаи бешарик аст. Аммо бо гузашти замон, баъзеҳо ин паёми ҷовидонаро таҳриф карданд ва нури тавҳидеро, ки паёмбарон оварда буданд, хомӯш карданд. Пас, Худованд охирин паёмбар Муҳаммад (Саллалоҳу алайҳи ва саллам)-ро фиристод ва бар ӯ Қуръони Каримро нозил кард, то паёми тавҳидеро, ки ҳамаи паёмбарони пешин оварда буданд, таҷдид намояд.

## Дар охир, эй инсон, ба ту мегӯем:

Ислом дини ақл ва фитрат буда, ягона динест, ки Офаридгори бузург барои башарият машрӯъ гардонидааст. Аз ин рӯ, ҳар инсони оқил бояд ба Ислом бигаравад ва ба Аллоҳ ҳамчун Парвардигор, ба Ислом ҳамчун дин ва бар Муҳаммад (Салаллоҳу алайҳи ва саллам) ҳамчун паёмбар имон дошта бошад. Инсон дар ин маврид ихтиёр надорад, зеро дар рӯзи қиёмат дар бораи посухаш ба паёмбарон мавриди пурсиш қарор хоҳад гирифт, агар муъмин аст пирӯзӣ ва растагории бузург ва агар кофир буд зиёни ошкоро насиби ӯ хоҳад шуд.

Агар саодати ҳақиқиро дар дунё ва комёбиро дар охират меҷӯӣ, бидон, ки бузургтарин тасмиме, ки метавонӣ дар зиндагият бигирӣ, пазируфтани Ислом аст. Барои ин кофист, ки ин калимотро аз қалби содиқ ва бо имон ба забон биёварӣ: "Ашҳаду ал-ло илоҳа иллаллоҳ ва ашҳаду анна Муҳаммадан расулуллоҳ". Сипас ба омӯзиши динат ва амал кардан ба муқтазои ин ду гувоҳӣ, яъне имон ба Аллоҳ ва Расулаш ва пойбандӣ ба аркони Ислом, шурӯъ намо.

Ҳоло инро бигӯ ва тардид макун, зеро марг ногаҳон меояд. Чунин тасмими муҳимро ба таъхир наандоз ва нагузор Шайтон туро аз некӣ боздорад. Шуҷоъ бош ва роҳи худро ба сӯи нур ва ҳидоят оғоз кун.

Акнун тасмими худро бигиред ва зиндагии нави саршор аз итминон ва ризоиятро оғоз намоед.

Шоҳиди медиҳам, ки нест худои барҳақ магар Аллоҳ, ва шоҳиди медиҳам, ки Муҳаммад расули Худо ва фиристодаи Ӯ аст.

# Феҳраст

Оё аз худ пурсидаӣ? Туро кӣ ва барои чӣ офаридааст? Ва баъд аз марг чист?........................................................................ 2
Оё аз худ пурсидаӣ? Туро кӣ ва барои чӣ офаридааст? Ва баъд аз марг чист?........................................................................ 2
Дар охир, эй инсон, ба ту мегӯем:................................................. 13

tg459v2.0 - 06/09/2026